# Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳаргоҳ аз ҷанобат ғусл мекард, дастонашро мешуст, сипас таҳорати мисли таҳорати намозро анҷом медод, сипас ғусл мекард

Аз Оиша модари муъминон (разияллоҳу анҳо) ривоят аст, ки гуфт: Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳаргоҳ аз ҷанобат ғусл мекард, дастонашро мешуст, сипас таҳорати мисли таҳорати намозро анҷом медод, сипас ғусл мекард. (Ба ин шакл, ки) бо дастонаш муяшро тахлил мекард, то ба ҳамаи мӯйҳо об расад ва вақте ки медонист об ба пусти сар расидааст, онгоҳ бар сари худ се бор об мерехт. Сипас боқимондаи баданашро мешуст. Модари муъминон мефармояд: Ман ва Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз як зарф ғусл мекардем ва ҳарду аз он об мегирифтем.

[Саҳеҳ] [رواه البخاري]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳаргоҳ аз ҷанобат ғусл кардан мехост, бо шустани дастонаш шуруъ мекард. Сипас мисли таҳорати намоз таҳорат мекард, баъд аз он обро бар бадани худ мерехт, сипас муйҳои худро бо дастонаш тахлил мекард, то он ки бар гумонаш ғолиб мешуд, ки об бар решаҳои муйҳо ва пусти сар расидааст, сипас се бор бар сараш об мерехт ва боқии баданашонро мешуст. Оиша (разияллоҳу анҳо) мегӯяд: Ман ва Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз як зарф ғусл мекардем ва ҳарду аз он об мегирифтем.



النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee